**5.6.[07.00.00] ИЛМҲОИ ТАЪРИХ**
**5.6.[07.00.00] ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ**
**5.6.[07.00.00] HISTORICAL SCIENCES**

**5.6.1. [07.00.02]** ТАЪРИХИ ВАТАН
**5.6.1. [07.00.02]** ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
**5.6.1. [07.00.02]** HOME HISTORY

***ТДУ 63,3(543.0).4***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-11-17***

# *ТАЪРИХИ СИЁСИИ ДАВЛАТИ ХОРАЗМШОҲИЁН АЗ АНУШТЕГИН ТО АЛОУДДИН ТЕКЕШ*

***Давлатов Муллошо**, д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ПОЛИТИЧЕСКАЯ ИСТОРИЯ ГОСУДАРСТВА ХОРЕЗМШАХОВ ОТ АНУШТЕГИНА ДО АЛА АД-ДИН ТЕКЕША*

***Давлатов Муллошо,** д.и.н., профессор кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE POLITICAL HISTORY OF KHWARAZMSHAHS STATE FROM ANUSHTEGIN TO ALAVADDIN TEKISH*

***Davlatov Mullosho**, Dr. of History, Professor of the Department of History of the Tajik People, SEI "KhSU named after acad.B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:**davlatov1942@gmail.com*

***Калидвожаҳо:** Хоразмшоҳиён, Ануштегиён, таърихи сиёсӣ, сулола, Алоуддин Текиш, султон Санҷар, рақобати ҳарбию сиёсӣ*

*Мақола дар асоси сарчашма ва адабиёти илмии мавҷуда ба вуҷуд омада, таърихи сиёсати идории Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиёнро инъикос намудааст. Қайд мешавад, ки Султон Маликшоҳи салҷуқӣ ба истеъдоднокии ғуломбачаи оғузӣ, Ануштегин эътимод пайдо карда, ӯро дар охири асри XI дар сарзамини тобеъи худ, Хоразм қоиммақом таъин кардааст, ки дар замина давлате бо номи Хоразмшоҳиён асос ёфтааст. Дар ин раванд панҷ нафари он сулола: Ануштегин, Қутбиддин, Отсиз, Эл-арслон ва Текиш дар замону вазъиятҳои гуногун сарварӣ кардаанд. Дар мақола маҳорат, ҷасорат, хиёнат, тариқаи ба сари қудрат омадан, ва амалиёти ҳарбию дипломатии ҳар яке аз онҳо инъикос ёфтааст. Ниҳоят дар чаҳоряки аввали қарни XIII, ин сулола аз дасти муғулони истилогар барҳам хӯрдааст.*

***Ключевые слова:** Хорезмшахи, Анушгениды, политическая история, династия, Ала ад-дин Текеш, султан Санджар, военно-политическое соперничество*

*Статья написана на основе существующих источников и научной литературы с целью освещения истории политического руководства династии Селджукидов и Хорезмшахов, на фоне которого образуется и развивается государство Хорезмшахов. Отмечается, что в конце X1 века Султан Маликшах возлагает уполномоченности Хорезма на талантливого пленника из рода огуза по имени Ануштегин. С тех пор в разные годы и в разных обстоятельствах правили Хорезмом: Ануштегин, Кутбиддин, Отсиз, Эл-Арслан и Текеш, каждый из которых показал свои способности и достоинства в деле управления государством. Госудаство Хорезмшахов существовало до первой четверти XIII в. в период правления Алааддина Мухаммада и было упразднено монгольскими завоевателями.*

***Keywords:** Khorezmshahs, Anushgenids, political history, dynasty, Alovaddin Tekesh, Sultan Sanjar, military-political rivalry*

*The given article is written based on existing sources and scientific literature aimed at shedding light on the history of the political leadership of the Seljuq dynasty, proceeding from this assumption which Khwarazmshahs state was formed and developed. In the late 11th century, Sultan Malikshah entrusted the authority of Khwarazm to a talented prisoner from the Oghuz tribe named Anushtegin. Since then, various rulers governed Khwarazm in different years and under different circumstances: Anushtegin, Qutb al-Din, Atsiz, Il-Arslan, and Tekish, each of whom demonstrated their abilities and merits in governing the state. Khwarazmshahs state existed until the first quarter of the 13th century during the reign of Ala al-Din Muhammad and was abolished by the Mongol conquerors.*

Дар бораи он, ки асосгузори давлати Хоразмшоҳиён-Ануш-тегин ном ғуломбачаи туркнажоди қавми оғуз, дар арчистон умр ба сар мебурду аз тарафи амирони салҷуқӣ харида мешаваду то ба хизмати султон Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) ба ҳайси таштдори дарбор соҳиби вазифа мегардад, баҳс кардан асос надорад. Ба авли Ғувайнҷ: "...ӯ исми таштдорӣ дошт ва Хоразм дар он рӯзгор дар адоди вазифаи таштхона буд" [6,с.2]. Он ҷавони болаёқатро султони Салҷуқӣ, ба вилояти Хоразм, ки дар итоати Салҷуқиён қарор дошт, ҳамчун шахси боэътимод ба вазифаи мутасарриф ба унвони шаҳна равона кардааст. Дар ин бобат академик Бобоҷон Ғафуров ишора дорад, ки: "Сарсулолаи хонадони хоразмшоҳӣ Анӯш-тегин ҳанӯз дар замони Маликшоҳи Салҷуқӣ ба воситаи хидмат ва лаёқате, ки аз худ нишон дода буд, ҳокими Хоразм таъин гардид" [3,с.548]. Ин ғуломи ба боварӣ даромада ниҳоят истеъдоду ҳунари чашмгире нишон дода, соҳиби обрӯи зиёд мешавад. Вале соли 1097 марги ногаҳон домангири ӯ мешаваду, писараш Қутбиддин Муҳаммадро қоиммақоми падар, волии Хоразм таъин менамоянд. Яъне, ӯ то ин муддат соҳиби маълумоти васеи динӣ ва давлатдорӣ гардида, усули роҳбариро аз худ карда буд. Бар замми шаҳнагӣ, Салҷуқиҳо ба Қутбиддин Муҳаммад салоҳияти муқтаъгиро супурда, ба ӯ унвони Хоразмшоҳиро низ раво донистанд. Аз ҳамон соли 1097 номи таърихии давлати (сулолаи) Хоразмшоҳиҳо-Ануштегиниҳо оғоз маёбаду то ба аввали солҳои сиюми асри XIII арзи вуҷуд мекунад.

Чун Қутбиддин, аз падараш дида, бештар ба ихлоси томи Султон Санҷари Салҷуқӣ ворид мешавад, соли 1110 ба ӯ салоҳияти пурраи идории Хоразмро бовар мекунад. Қутбиддин, ки бо баракати падараш маълумоти мукаммали динию замонавиро соҳиб шуда буд, дар муддати кӯтоҳ ҳама корҳои мақомоти идорӣ ва давлатдории вақтро сарфаҳм мерафт. Ҳамин омиле буд, ки мавсуф ба боварии сарпарастони сулолаи Салҷуқӣ даромад. Илова бояд кард, ки Қутбиддин Муҳаммад аз ӯҳдаи амалиёти ҳарбӣ, ҳамчун сипаҳсолор низ хуб баромада метавонист. Фаразан замони як муддат аз шаҳр берун рафтани ӯ, писари собиқ волии Хоразм бо номи Туғралтегин Муҳаммад азми тасарруфи Хоразмро карда, бо лашкар омадааст. Қутбиддин аввал ба султон Санҷар рӯи мурочиат оварда, пас то аз Хуросон омадани лашкари султон, Туғралро бо лашкараш несту нобуд сохт. Маротибаи дигар обрӯи Қутбиддин, дар ҳалли масъалаи хонаводагии Салҷуқиҳо, ки задухӯрди байни Санҷару ҷиянаш Маҳмуд ибни Муҳаммад, 11 августи соли 1119 дар наздикии шаҳри Саво сурат гирифта буд, баланд гардид. Дар ин муҳориба ҳам Қутбиддин бо маҳорати баланди сипаҳсолорӣ дастаҳои Маҳмудиро ба шикаст мунҷар кард. Баъди ин ғолибият ӯро "Подшоҳ Қутбиддин ва Дин Абулфатҳ Муъин, Амир ал-Муъминин" мегуфтанд [2,с.10]. Аз ин ба баъд байни Султон Санҷари Салҷуқӣ ва Қутбиддини Хоразмӣ дӯстии бесобиқа ҷой гирифта буд ва мавсуф яке аз фармонбардортарин вассали Санҷар ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тавр, Қутбиддин Муҳаммад бештар аз сӣ сол, дар Хоразм йукмронӣ карда, соли 1127 аз олам даргузашт. Баъди марги ӯ, султон Санҷари Салҷуқӣ писари марҳум, Ҷалолиддин Отсизро шоҳи Хоразм таъин мекунад. Отсиз ҳам, чун падараш дар пойгоҳи салҷуқиён шаҳри Марв сабақ омӯхта, маълумоти хуби замонавию ҳарбиро соҳиб шуда буд. Мардуми Хоразм ӯро барои бофарҳангию ҳақсолориаш эҳтироми зиёд мекардаанд [6,с.3]. Дар аввал Отсиз бо пайравии падараш ба султон Санҷар содиқона хизмат кардааст. Ҳатто чандин маротиба ӯро аз марги сӯиқасдчиён наҷот додааст.

Аммо аз ҳангомаҳои Отсиз бохабар шуда, халифаи араб ал-Мустаршид (1118-1135), бо мақсади ба ихтиёри худ даровадани вазъи сиёсии сар то сари Хуросон, аз таъсири султони Салҷуқиҳо роҳи алоқабандиро бо Отсиз дарёфт. Аз ҳамин хотир, соли 1113 ба ҳузури шоҳи Хоразм Отсиз сафоратеро бо ҷомаҳои заррин фиристоду онро ба ҳамкорӣ ва иттиҳоди ҳарбӣ даъват кардааст. Ин аъмоли ғайричашмдошт ба ихлоси Санҷар нисбат ба Отсиз таконе бахшид. Вале Санҷар боистиҳола ва оҳистакорӣ рафтор карда, роҳи дигари ҳалли масъаларо меҷуст. Албатта, он алоқаи пешина, оҳиста-оҳиста сардӣ пайдо мекарду дӯстии даҳсолаи байни Санҷару Отсиз коҳиш меёфт. Оғози аҳдшиканиҳо аз тарафи Отсиз, аз ишғол кардани заминҳои водии Сирдарё, то шаҳри Ҷанду Манқишлоқ, ки тааллуқ ба Салҷуқиҳо доштанд шурӯъ мешавад. Ин аввалин нишонаи мубориза ва истиқлолияти Хоразмшоҳиҳо ба ҳисоб мерафт. Вале султон Санҷар бо як зарбаи шадид дар атрофи Ҳазорасп дастаҳои Отсизро аз по дарафтонда нишон дод, ки ҳоло Санҷар иқтидори ҷангиашро аз даст надодааст. Отсиз писарашро аз даст дода, комилан мағлуб гардид, вале Санҷар аз қатли он худдорӣ карда гуфт, "Ҳуқуқи хидмати ӯ бар зимммати мо бисёр аст" [6, с.5].

Дар воқеъ Отсиз сари хам бо узру маъзарати зиёд пеши Санҷар омада, шоёни авф гардид ва боз ҳам мавқеи худро дар Хоразм барқарор кард. Ин узри дурбинонаи сиёсати озодихоҳии Отсиз буд, ки баъди чанд муддати бахудой боз ба хиёнат даст зад. Оре, мағлубияти ҷангу аз даст додани писараш Отлик, Отсизро ором намегузоштанд. Ӯ ба орзӯи ноил шудан ба пирӯзӣ, омодагиҳои зиёд карда, боз ба юриш даромад ва як чанд шаҳру вилоятҳои мутааллиқи Санҷарро забт кард. Ӯ ҳатто тамоми "вукала-и хосс ва маъруфони ҳазрат"-ро қатлу ҳабс кард ва роҳҳои гузаришро ба сӯи Хуросон баст. Соли 1139 шаҳри Бухороро забт карда, волии он Занги ибн Алиро ба дор овехт. Вале Санҷар, ки аз юриши қарохитоиҳои Синт-сзян ба Мовароуннаҳр дар ҳарос буд, аз қасдгириҳои зидди Отсиз худдорӣ кард. Отсиз ҳам, ки ин хатари дар пешистодаро дарк кард, бо пушаймонӣ моҳи майи соли 1141 ба унвони ҳоҷааш Санҷар боз номаи савгандӣ фиристода, бо тамоми муқаддасот савганд мехурад, ки аз ин рӯз ба баъд дар хизмати содиқонаи шумо хоҳам монд.

Отсиз ҳамзамон унвони халифаи арабии Бағдод ал-Муктифӣ (1136-1160) номаи дигаре фиристода ироа мекунад, ки ҳам падари ман ва ҳам худи ман мухолифи Салҷуқиёни кофир размидаему боз меразмем. Отсиз аз халифа хоҳиш мекунад, ки истиқлолияти сиёсии кишвари ӯ Хоразмро баён намояд ва ҳамроҳкунии вилоятҳои ҷаворро бо ихтиёри Хоразм раво донад. Халофати араб, ки Салҷуқиёнро бо марги халифон ал-Мустаршид (1118-1135) ва ар-Рашид (1135-1136) гунаҳкор медонист ва бо умеди пайдо кардани иттифоқчии худ бар зидди Санҷар бо ризояти том унвони Отсиз туҳфаю маншури султониро ирсол намуд [5,с.361].

Султон Санҷар бошад боварӣ ба савганди Отсиз, ки ба ӯ "дигар хиёнат накарда, ба ёриаш меояд"-ро дошт, **бо**эътимодона алайҳи Қарохитоиҳо лашкар кашид. Аммо дар моҳи сентябри соли 1141 дар Катавани наздикии шаҳри Самарқанд комилан мағлуб шуд. Урдуи садҳазорнафарааш торумор гашт. Отсиз бошад, бо истифода аз шикасти Санҷар ба шаҳри Марв омада, аҳолии онро ғорат карда, хазинаи Султони Салҷуқиҳоро низ ба яғмо бурд. Гузашта аз он, баргашта ба шаҳри Нишобур рафта, худашро соҳибмақоми он низ эълон кард.

Султон Санҷар, барои чунин савгандшиканиҳояш Отсизро намебахшид. Вай нақшаи қасдгирифтанро аз Отсиз тарҳ намуда, боз лашкари зиёдеро ҷамъоварӣ карда, алайҳи Хоразмшоҳ ба ҳаракат даромад. Вақте, ки Санҷар шаҳри Урганҷро ба муҳосира иҳота кард, Отсиз боз ҳам ба қасаму тавба баромада, сандуқҳои ғораткардаи тиллои Марвро баргардониду пеши Санҷар сари таъзим хам кард. Бо назардошти вазъи муташанниҷи сиёсӣ, Санҷар бори дигар қасамзадаро авф кард. Баъди ин ҳам, каме фурсат ёфта, Отсиз сентябри соли 1145, бори дигар ба соҳили рости дарёи Сир лашкар мекашад. Ва шаҳри Ҷандро ишғол намуду аз ҳамон ҷо унвони Санҷар номаи фотеҳӣ "фатҳнома" фиристода нишон дод, ки ӯ пеши касе сари таъзим наовардааст. Чунин рафтори бетамизонаи Отсиз Санҷарро ба хашму ғазаб оварда, ӯро маҷбур сохт, ки маротибаи сеюм алайҳи он чора андешад. Агар чанде қувваҳои ҷангии ӯ хело камқудрату лоғар гашта буданд, боз ҳам барои пахш кардани дастаҳои хоразмиён омодагӣ мегирифт. Тирамоҳи соли 1147, Санҷар алайҳи Отсиз ба юриш даромад. Аммо Отсиз мудофеъаро аз урдуи Санҷар дар қалъаи Ҳазорасп бо намуди пинҳонӣ сангар гирифту мунтазири он шуд [6,с.8]. Отсиз бошад рӯ ба фирор оварда сӯи Урганҷ мешитобад. Санҷар ба таъқиби ӯ то ба Урганҷ омада, мебинад, ки рақиб дигар қудрати муқовимат карданро надорад. Аз байни аҳолии шаҳр шахсе бо лақаби "Оҳупӯш" ба назди Санҷар рафта, аз номи аҳолии он аз Султон амон металабад. Санҷар маротибаи сеюм вассали худ Отсизро авф мекунад. Боз ҳам Хоразмшоҳ номаю инъоми зиёде ба хотири нармдилии Санҷар фиристода, "ихлосу итоатмандии" худашро нисбат ба хоҷааш изҳор менамояд. Вале дар навбати худ, вай ба қарахитойиҳо андози ваъдагиашро дода меистод. Санҷар бошад моҳияти дурӯягии Отсизро хуб фаҳмида, ба хотири пойдор доштани оромии муваққатӣ сари сукут хам мекард. Аммо Отсиз, баъди "ваъдавафогиҳои" зиёди худ, боз моҳи апрели соли 1152, маротибаи дигар ба сӯи Ҷанд лашкар кашида, ин дафъа қоиммақоми қарохитойиҳо Камолиддинро бо фиреб дастгир намуда, ҳамроҳи атрофиёнаш зиндонӣ мекунад.

Аз нимаи дуюми қарни XII дар сарзамини тоҷикон, аз ҷамъи вассалони салҷуқӣ вилоятҳои зиёд сар ба боло бардошта, иқтидори империяи тавонои салҷуқиёнро коста гардониданд. Вуруди қарохитоиҳою қабилаҳои кӯчманчии Оғуз ва Осиёи Миёна, бурузи давлати Ғуриён, низоъи сиҷистониҳою ҷунбиши мозандарониҳо, худсариҳои давлати худэъломияи Хоразм, ниҳоят тезу тундшавии низои дохилии амирони Салҷуқӣ ба камқудрат шудани он мусоидат карданд. Бан болои ин, баҳори соли 1153 амирони Салҷуқӣ аз Султон Санҷар талаб карданд, ки ба муқобили исёнгарони кучии оғузӣ, ки аз супурдани андоз дасткашӣ доранд, лашкар кашида,

онҳоро ба танзим дароранд. Султон Санҷар ба хотири иҷрои ин дархост нақша кашида, ба қасд омад, ки кучманчиёни исёнгарро бо зарби теғ сархам кунонад.

Ҳангоми омодагӣ ба ҷанг пешвоёни оғуз молу пули зиёде пешниҳод карда, хоҳиш намуданд, ки Султон Санҷар аз иқдоми ҷанг худдорӣ намояд. Аммо амирони султонӣ бо таҳаммулгаройӣ роҳ надода, ҷангро пеш гирифтанд. Дар натиҷа кӯчманчиҳои оғуз дар ҷанг ғолиб омада, лашкари Санҷарро шикаст доданду худи ӯро ба асирӣ гирифтанд. Ба авли академик В.В.Бартолд: “Баҳори соли 1153 дар Хуросон боз ҳам ҳодисаҳое рух додаанд, ки манфиати онҳо ба нафъи нақшаҳои офаридаи Отсиз буданд” [1,с.393-94]. Воқеъан, мавҷудияти империяи бузурги салҷуқиён рӯ ба завол овард. Танҳо октябри соли 1156 Санҷар тавонистааст, ки аз маҳбаси оғузҳо фирор карда ба Тирмиз ояд.

Хоразмшоҳ Отсиз дар ҳамин муддати маҳбусии Санҷар кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳамаи империяи салҷуқиҳоро тасарруфи худ гардонад. Ӯ мехост, ки аз ҷумлаи вассалони истиқлолёфтаи империяи салҷуқиён як ҷамъияти “босалоҳияте” ташкил кунаду ҳам ба оғузҳо зарба занад ва ҳам тахти салҷуқиҳоро соҳиб шавад. Вале дар азми расидан ба чунин мақсад, 30 июли соли 1156 аз олам чашм пӯшид. Ба гуфти муаррих З.М. Буниятов: “Отсиз барои таъсиси як давлати пуриқтидору дар асл соҳибистиқлол замина муҳаё кард” [2,с.23]. Ҳангоми марги Отсиз писари калониаш Эл-Арслон дар Хуросон буд ва бо истифода аз ғоибӣ, ашрофони дарбор бародари хурдии ӯ Сулаймоншоҳро қоиммақоми падар хонданд. Эл-Арслон бо бозгашт аз Хуросон бародараш Сулаймоншоҳро бетараф карда, чанд нафари гуноҳкорро ба қатл расонида, 22 августи соли 1156 ба сари тахти Хоразмшоҳӣ нишаст. Аввалин иқдоме, ки ӯ кард, афзун намудани музди хизматӣ ва қисми иқтаи ҳарбиён буд. Дар ин муддат кӯчманчиёни номусулмони турк шаҳрҳои Ҷанду Манқишлоқро забт карда буданд. Эл-Арслон он шаҳрҳоро озод карда, рӯи муроҷиат ба Санҷар овард. Султон Санҷар бошад дар моҳи октябри соли 1156 ба номи Эл-Арслон маншури эътирофи хоразмшоҳиро бо ҷомаи шоҳӣ равона кард. Акнун дар мукотибаи Эл-Арслон ба хоҷаи салҷуқӣ тағйироте пайдо шуд: ивази истилоҳи “бандаи шумо”, истилоҳи “мухлиси шумо” ба миён омад.

9 май 1157 баъди азиятҳои кашидааш Султон Санҷар ҳам аз олам даргузашт. Бо марги мавсуф мавҷудияти номи империяи Салҷуқиён дар Мовароуннаҳру Хуросон рӯ ба таназзул овард. Агар марги Санҷар барои салҷуқиҳо ба пастравӣ оварда бошад, пас марги Отсиз барои Хоразмшоҳиҳо оянда бахшид.

Моҳи марти соли 1165 волии Нишобур Муъаййид иқдом кард, ки шаҳри Нисоро забт намояд. Бо шунидани ин хабар Эл-Арслон ба муқобили он лашкар кашид. Чунки шаҳри Нисо ҳамҷавори ҳудуди хоразмшоҳиён буд. Бо наздик шудани хоразмиён Муъаййид ҳаросида лашкарашро бозпас ба Нишобур бурд. Аз ин ба баъд шаҳрҳои Нисо ва Даҳистон ба ҷамъи Хоразмшоҳиён дохил шуданд. То соли 1167 Эл-Арслон тавонист, ки ҳудуди давлаташро аз ҳисоби забт намудани шаҳрҳои Нишобуру Байҳақу Сабзавор васеъ гардонад. Аз ҳамин вақт сар карда хоразмшоҳиҳо итоати худро аз давлати салҷуқиён расман канда намуданд. Чанде баъд хоразмиён бо майл ва тарафдории волии шаҳри Рай Инанч, шаҳрҳои Рай ва Соваро аз дасти Арслоншоҳи Ироқӣ зада, ба тасарруфи худ дароварданад. То соли 1167 Озарбойҷонро бо шаҳрҳои Абхар, Зинҷон ва Қазвин ишғол карда, аз он ҷо 2000 уштури тозанасли ҳарбиро ба Хоразм мебаранд [2,с.27]. Минбаъд навбат ба сайри Мовароуннаҳр омад. Соли 1158 Эл-Арслон бо қушуни зиёд ба сӯи Бухоро ва Самарқанд юриш кардааст. Ҳокими Самарқанд Ҷалолуддин Алӣ кӯчманчиёни туркманро ба ёрӣ даъват мекунад. Аммо дар муҳорибаи соҳили дарёи Зарафшон онҳо шикаст хурда, аз Эл-Арслон сулҳ металабанд.

Соли 1171 заволи Эл-Арслон омаду қарахитоиҳои водии Самарқанд ба таъқиби кӯчманчиёни қарлуқ ҳаракат карда, то ба наздикии Хоразм мераванд. Онгоҳ Эл-Арслон дар шаҳри Омул бемори бистарӣ буду ба муқобили қарахитоиҳо сарлашкари худ, амир Айёрбекро сафарбар мекунад. Амир Айёрбек дар муқобили қарохитоиҳо истодагарӣ карда натавонисту худ ба асорат афтод ва ӯро ба Самарқанд burданд. Эл-Арслон 18 марти соли 1172 аз олам чашм пӯшид. Аз Эл-Арслон ду писар бо номҳои Аловадднн Текиш ва Султоншоҳи Маҳмуд боқӣ монда буданд. Текиш пеш аз марги Эл-Арслон, волии шаҳри Ҷанд буд, писари дуюмаш Султоншоҳро валиаҳди худ хонд ва баъди маргаш чун қоиммақом ба тахти Хоразмшоҳӣ нишаст ва мудаббири мулк модари ӯ малика Турконхотун таъин гардид [6,с.17]. Мутобиқи таъинот мебоист, Текиш ҳам рӯзи савганди бародараш ба Урганҷ ояд. Аммо вай чунин таъинотро эътироф накарда, аз маросим рӯ гардонд. Сипас модари Султоншоҳ роҳи зӯриро пеш гирифта, ба Ҷанд дастаҳои ҳарбиро мефиристонад, то он, ки Текишро маҷбӯран ба Урганҷ

биёранд. Бо шунидани ин хабар Текиш Ҷандро тарк намуда, ба Балосуғун назди пешвои қарахитоиҳо олиҳа Чен Тян меравад. Аз онҳо ёрии ҳарбӣ талаб карда, уҳдадор мешавд, ки ивази мададгорияшон ҳамасола ба онҳо хироҷ хоҳад дод. Чен Тян бо майли том як лашкари пуриқтидорро бо сардории Фума, (шавҳари худ) ба хизмати Текиш медиҳад. Акнун Текиш ба Урганҷ на ба дасти баста, балки бо як урдӯи ғасбкунанда равон мешавад. Султоншоҳу модараш Турконхотун бемуқобилат тарки Урганҷ карда бо паноҳи амир Муъайид, волии шаҳри Нишобур гурехтанд. Текиш ба таъқиби онҳо то Даҳистон рафта, модари Султоншоҳро ба қатл расонида, ба Урганҷ баргаштааст. Вале Султоншоҳ худро аз марг наҷот дода, рӯ ба гурез овардааст. Текиш баргашта, 11 декабри соли 1172 бемамонияти тахти Хоразмшоҳиро соҳиб шудааст [6,с.17]. Султоншоҳ ба Муъайид ваъда дод, ки дар асоси ҳамкорӣ алайҳи Текиш, истиқлолияти давлатдорӣ ва қисми дигари заминҳои Хуросониро ба ӯ тақдим менамояд. Бо ин ҳавасмандӣ Муъайид бо ҳамроҳии Султоншоҳ лашкар ороста, ба ҷанги зидди Текиш равон шуданд. Дар масофаи 20 фарсах аз Урганҷ, муҳорибаи марговар 11 июли соли 1174 ҷони Муъайидро аз ин дунё рабуд Султоншоҳ бошад, боз ҳам хато карда, ба Нишобур гурехт [2, с.28].

Вазъияти Хоразм ранги дигарро гирифт, баъди ба тахт омадани Текиш ва ғалабаи он аз болои сӯиқасдгирон, Қарохитоиҳо ба сари Текиш бор бастанро сар карданд. Онҳо барои доимӣ намояндаҳои худро дар дарбори Хоразмшоҳ қоиммақом карда, хироҷро аз ҳадди ваъда зиёд талаб мекарданд ва худи Текишро чун вассал меҳисобиданд. Ин рафтор то андозае ба ҷону дили Текиш зада буд, ки билохира худи ӯ яке аз талабгорони хироҷро сар буриду ба олимақомони худ дастур дода гуфт, ки ҳама боҷталабони қарахитоиро якояк нобуд созанд. Ин вазъ муносибати байни қарахитоиҳою Текишро коста кард. Султоншоҳ бошад, аз ин фурсат истифода карда, ба назди қарахитоиҳо рафта, аз онҳо мадади ҳарбӣ мепурсад. Акнун ҳамон дастаҳои ҳарбии қарахитоиҳо, ки Текишро ба сари қудрат оварда буданд, боз ба пешвоии ҳамон Фума муқобили худи ӯ равон гаштанд. Вале Текиш фармон дод, ки дарвозаи партобаи Ҷайҳунро пеш аз даромад ба Урганҷ воз карда, роҳи даромади шаҳрро обзер намоянд. Об роҳро канда ба гузаштан мушкилӣ андохт. Фума дид, ки аҳолии Урганҷ тарафдори Султоншоҳ нестанду майли дастгирии ӯ надоранд, аскаронашро бозпас ба Балосуғун гардонд. Султоншоҳ дид, ки қархитоиҳо аз роҳи ҷанг бармегарданд, аз Фума илтиҷо кард, ақалан барои ишғол кардани баъзе шаҳрҳои Хуросон як қисм аскарашро бимонад. Фума ҳамин хел ҳам кард ва чанд ҳазор аскарашро ба ихтиёри Султоншоҳ доду боқимондаашро ба пойгоҳи худ бурд. Ва бо ҳамин дастаи мавҷуда Султоншоҳ тавонист, ки соли 1180 шаҳрҳои Сарахсу Марву Тусу Нисою Абивардро ишғол намояд Вай маркази худ шаҳри Марвро интихоб карда ҳукумати дуюми хоразмшоҳиёнро таъсис дод.

Аз муваффақиятҳои Султоншоҳ воқиф гашта, Текиш майли ба Хуросон, то шаҳри Марв рафтанро кард. Ҳамзамон Султоншоҳ, ки азми Хоразмравӣ дошту то ба Амул омада буд, бо шунидани ин хабар ба мудофиаи Марв баргашт. Вале Текиш аввал ба Нишобур рафта, онро муҳосира кард ва соли 1186 волии он Менгли-Тегин (вассали Султоншоҳ) шаҳрро ба Текиш супориду вассалияти ишонро қабул кард. Ва Текиш аз аҳди Марвравӣ худдорӣ карда, тарки Хуросон намуду ба Хоразм баргашт. Баъди он Менгли-Тегин, ҳама одамони боэътимоди Текишро аз Нишобур бадарға намуд. Маротибаи дуюм Текиш Нишобурро ба муҳосира гирифта, баҳори соли 1187 Менгли-Тегинро ба қатл расонид. Акнун Нишобуру атрофи он ба ихтиёри писари Текиш, Носируддин Маликшоҳ даромаданд. Бо вуҷуди он Марву Сабзавору Сарахс дар ихтиёри Султоншоҳ қарор доштанд. Ба нисбатан муътадил гардидани вазъи сиёсӣ, 4 июли соли 1189 Текиш худро Султон эълон карду сари тахт нишаст.

Султоншоҳ бошад ҳанӯз ҳам роҳҳои қасдгириро аз бародараш меҷуст. Ғуриён, ки дар муқобили Текиш иттифоқчӣ меҷустанд, ҳокимияти Султоншоҳро эътироф карданд. Номбурда сӯйистифодаи фурсат карда, аз султони Ғур Ғиёсуддин шаҳрҳои Ҳирот, Бушанҷ, Бодғиз ва вилоёти онҳоро талаб кардааст. Бо раддияи ин дархост Султоншоҳ алайҳи Ғуриён лашкар андохт ва соли 1190 дар назди Марв муҳорибаи беамоне сурат гирифт, ки Султоншоҳ лахту пора гардид. Аҷоиботи сиёсат чунинаст, ки баъди мағлуб гаштанаш ҳам Султоншоҳро салтанати Ғур боз ба паноҳии худ гирифта, аз бародараш ҳифз нигоҳ доштанд. Вақте, ки Текиш баргардонидани бародарашро талаб мекард, аз онҳо ҷавоби радия мегирифт. Баҳори соли 1193 султон Текиш ба хотири умуман нест кардани Султоншоҳ боз сӯи Хуросон лашкар мекашад. Онгоҳ бахти Текиш хандиду қумандони шаҳри Сарахс Чокар даст ба хиёнат зада, калиду хазина ва дороии Султоншоҳро ба ӯ

месупорад. Ин вазъ рӯзҳои орзӯмандии Султоншоҳро ба охир расонид, 19 сентябри соли 1193 ба реҳлат рафту бо ҳамин дуҳокимиятии бародарон ба охир расид.

Аз ин баъд давлатдории Хоразмшоҳиён майл ба буруз кардааст. Баъди маҳв шудани Султоншоҳ ягона рақибе дар Хуросон монда буд, ҳамон Ғуриён буданд. Агар чанде муносиботи ин ду давлат на чандон тезу тунд буд, вале боз ҳам рақобатҳо вуҷуд доштанд. Чандин номаю мукотибаҳои тарафайн боқӣ мондаанд, ки гувоҳи созиши муваққатии он тарафҳо мебошанд [2,с.34].

Соли 1198 ҳокими Бомиён Баҳоуддин Самъии ғурӣ Балхро забт карда, аз ихтиёри туркони тобеъи қарахитоиҳо гирифт ва хутбаро дар он ҷо ба номи Ғиёсаддин хонд. Сипас ӯ ба сӯи Хуросон, алайҳи Текиш равон шуд Аз ин даҳшат ба тарс омада, Текиш аз қарахитоиҳо мадад пурсид. Онгоҳ пешвои қарахитоиҳо Таянку аз Баҳоуддини Самъ талаб кард, ки Шаҳри Балхро холӣ кунаду боз ба онҳо хироҷ супорад. Дар ҷавоб ғуриёни Самъӣ аз болои қарахитоиҳо ҳамла карда, 12 ҳазор ҷанговарашонро нобуд карданд. Аммо баъди ин шикаст қарахитоиҳо аз Текиш ҷарима, ба теъдоди сари ҳар мақтул 10 ҳазор дирамӣ пул талаб карданд [1,с.408]. Текиши зӯромад боз ба илтиҷо пеши Ғиёсиддини Ғурӣ рӯ оварда, мадад мепурсад. Ғиёсуддин бошад шарти худашро пеши Текиш гузошта гуфт: ту бояд аввал ба итоати мо даройӣ, баъдан ба ҳамон аҳолие, ки аз тарафи қарахитоиҳо ҷабру зарар дидаанд, ҷуброн диҳӣ, пасон мо метавонем туро ба иттиҳоди худ қабул намоем. Ин шартро қабул карда, Теиш ба Таянку номаи ҷавобӣ навишт, ки ман дигар тобеъи Шумо нестаму тобеъияти Ғуриёнро пазируфтам. Ин баҳонае гашт, ки қарахитоиҳо шаҳри Урганҷро муҳосира карда, қасдашонро гирифтанӣ шуданд. Вале муҳосираи дарозмуддат қарахитоиҳоро ноком кард. Ноумед гардида онҳо боз ба сӯи Мовароуннаҳр равон шуданд. Текиш бошад онҳоро таъқиб кунон то ба шаҳри Бухоро омада, ҳамон ҷо мавриди иҳота қарор дод. Вале аҳолии Бухоро қарахитоиҳоро тарафдорӣ карда, алайҳи Текиш муқовимат нишон доданд. Дар муқобил Текиш тавонист, ки қарахитойҳоро ба шиканҷа гирифтор кунаду Бухороро ба тасарруфи худ дарорад. Лекин ин дафъа ӯ ба аҳолии шаҳр тараҳҳум карда, ба ҷазо гирифтор накард. Ва баръакс ба онҳо маблағи зиёде чун ҷуброн туҳфа карда, ба Хоразм баргашт.

Баъди омадану дар Хоразм қувваи нав пайдо карданаш, Текиш майли юриш ба тарафи ғарб андохт. Ин азм ба халифаи араб хуш намеоварД. Рақобати нав бо халофат оғоз шуд. Ниҳоят моҳи июли соли 1196, байни асокири Текишу Халофати араб заду хурде сурат гирифт, ки дар натиҷа Текиш ғолиб омад. Ҳатто баъди мағлубият ҳам халиф аз Текиш талаб кардааст, ки ҳамон ҳудуди Хоразм ба ту бас асту, ҳудуди Бағдодро холӣ намо. Текиш дар ҷавоб гуфтааст, ки ҳатто сар то сари хоки халофат ҳам барои асокири ман камӣ мекунад. Муаррихин гуфтаанд, ки "Дар охирин лаҳзаҳои ҳаёти Текиш обрӯи хоразмиҳо дар Ироқ бартарӣ дошт", аммо аҳолии Ироқ, ба ин вазъ муросо накарда, ба шӯриш бархоста, тамоми асокири боқимондаи хоразмиёнро зада, аз хоки Ироқ несту берун намуданд [1,с.414].

Йамин тавр, Алоуддин Текиш, шоҳи охирини Хоразм дар асри XII буда, барои тавсеа ва тақвияти ҳудуди Хоразмшоҳиён саҳми калоне гузоштааст. Қобили зикр аст, ки Текиш давлати ҳарбии пуриқтидореро таъсис доду, вале решаи онро беиқтидор сохт. Зеро ба ҳайси риҷоли давлатию амирони ҳарбӣ вазифадор кардани теъдоди зиёде аз қабилаи ҷоҳилу беинсофи қипчоқ хосияте надошт. Онҳо кадом минтақаеро, ки тасарруф накарда бошанд, мардумашро ба шиканҷаи беохир гирифтор мекарданд, ки он ҳама омили нафрати мардуми таҳҷоӣ нисбат ба Хоразмшоҳиҳо мегашт. Вале аз нимаи дуюми соли 1200, охири асри XII, дар ҳаёти сиёсии давлати Хоразмшоҳиҳо воқеъаи мудҳиш рух дод. Хоразмшоҳ Алоуддин Текиш ибни Арслон, ҳокими Хоразму қисми Хуросон 3 август аз олам даргузашт.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Бартольд, В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Соч.Т.I. /В.В. Бартольд – М.: Наука, 1963.-759 с.
2. Буниятов, З.М. Государство Хорезмшахов-Ануштегинидов (1097-1231)/З.М.Буниятов.- Баку: Элм,1999.-376 с.
3. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна/Б.Ғ.Ғафуров.- Душанбе: Ирфон, 1983.-704 с.

4. Давлатов, М. Сопротивление таджикского народа монгольскому завоеванию (1219-1223 гг., по средневековым восточным и западным письменным памятникам)/М.Давлатов.-Душанбе: Деваштич, 2007.-396 с.
5. Ибни Асир. Таърихи комили ислом ва Эрон/И.Асир. – Теҳрон, 1383.-512 с.
6. Ҷувайнӣ, Алоуддин Атомалики Муҳаммад. Таърихи ҷаҳонгушой.Тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Иборат аз 3 ҷ. Ҷ.2./ Ҷувайнӣ Алоуддин Атомалики Муҳаммад–Теҳрон, 1391 ҳ.ш. (2012)-1016 с.

**REFERENCES:**

1. Bartold, V.V. Turkestan during the era of the Mongol invasion. Op.T.I. /V.V. Bartold - M.: Nauka, 1963.-759 p.
2. Buniyatov, Z.M. Khorezmshahs-Anushteginids State (1097-1231)/Z.M.Buniyatov. - Baku: Elm, 1999.-376 p.
3. Gafurov, B.G. Tajiks. The most ancient, ancient and medieval history/ B.G. Ghafurov.- Dushanbe: Cognition, 1983.-704 p.
4. Davlatov, M. Resistance of the Tajik people to the Mongol conquest (1219-1223, according to medieval eastern and western written monuments) / M. Davlatov. - Dushanbe: Devashtich, 2007. - 396 p.
5. Ibn Asir. Complete history of Islam and Iran/I. Asir. - Tehran, 1383.-512 p.
6. Juvaini, Alauddin Atomaliki Muhammad. World history. Edited by Mohammad Qazvini. It consists of 3 volumes. J. 2./ Juvaini Alouddin Atomaliki Muhammad-Tehran, 1391 AH. (2012)-1016 p.